**12 00 15 ГРАЖДАНСКИЙ ПРОЦЕСС; АРБИТРАЖНЫЙ ПРОЦЕСС**
**12 00 15 12 00 15 CIVIL PROCESS; ARBITRATURE PROCESS**

***УДК 347.1***
***ББК 67.410.1***

# *МАФҲУМ, МАТЛАБ, УСЛУБ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНӢ*

***Болтуев Самад Шарифбаевич,***
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналхалқии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ПОНЯТИЕ, ПРЕДМЕТ, МЕТОД И СИСТЕМА ГРАЖДАНСКОГО ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПРАВА*

***Болтуев Самад Шарифбаевич,***
*к. ю. наук, доцент кафедры гражданского, предпринимательского и международного права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *NOTION, SUBJECT, METHODS AND SYSTEM OF CIVIL PROCEDURAL LAW*

***Boltuyev Samad Shrifbayevich,*** *candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of enterprising and international law under TSULBP*
***E-MAIL***: *samadboltuev@gmail.com*

***Ключевые слова:*** *гражданское процессуальное право, правовое регулирование, предмет, гражданское дело, юрисдикционные органы, общегражданский суд, экономический суд*

*Рассматривается вопрос о понятии, предмете, методе и системе гражданского процессуального права. В числе других методов исследования использованы сравнительно-правовой и исторически-правовой подходы к анализу поставленных вопросов. Идеи автора основаны не только на правовых нормах, но и на примерах из практики правоприменения. Исследована сущность гражданского процессуального права в современную эпоху, в новых условиях возникновения цивилизованного (гражданского) общества, что предполагает появление нового понимания философии права. Предлагается собственное определение каждого из рассмотренных понятий. Утверждается, что система гражданского процессуального права, как и другие системы отрасли права, тесно связана в правовой политикой государства, что обусловливает её способность к изменению.*

***Key words:*** *civil procedural law, legal regulation, subject, civil case, juridical bodies, common civil court, economy court, arbitral court*

*In his article the author canvasses the issue related to notion, subject, methods and system of the civil procedural law. Among other methods investigations the author adduces to comparative-legal and historic-legal approaches aimed at the analysis of the issues carried into effect. The author`s idea is based not only on legal norms, but on the examples from the practice*

*of law enforcement either. He considers the essence of the civil procedural law in modern epoch under the new conditions of civil communities rise which presupposes of a new understanding of philosophy law. The author proposes his own determination in regard to each notion under consideration. It is asserted that the system of civil procedural law, just as other systems of law branches, is closely connected with the legal policy of the state which preconditions its capacity for alterations.*

Истиқлол дар қатори озодӣ ва мустақилият масъулиятро дар назар дорад. Истиқлоли давлатӣ бошад чунин масъулиятро дар назди халқу миллати худ, насли оянда ва, бешак, дар назди ҷомеаи умумиҷаҳонӣ тақозо мекунад. Таърихи бисту-панҷсолаи истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ки бо шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита алоқаманд аст, ба туфайли ибтикороти ӯ дар поягузории давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳам давраҳои хеле мураккаб ва тақдирсозро гузашт. Ба назари мо ташаккули ҳуқуқи мурофиавии граждании нав дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол нисбат ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ хеле тӯл кашид, зеро санади меъёрӣ-ҳуқуқии асосии ифодакунандаи мазмуни он – Кодекси мурофиавии гражданӣ ва як қатор қонунҳои асосии соҳавӣ фақат соли 2008 қабул шуданд. Барои ҳамин, мо дар поён кӯшиш намудем, ба яке аз масъалаҳои асосии назариявии илми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ* - мафҳум, матлаб, услуб ва низоми он рӯшанӣ андозем.

**1. Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти мақомоти салоҳиятнок (юрисдиксионӣ) оид ба баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои гражданӣ ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ номида мешаванд.**

Барои муайян намудани мазмуни мантиқии таърифи мазкур, пеш аз ҳама, баъзе мафҳумҳои маъмулро аниқ кардан лозим аст. Дар назарияи ҳуқуқ муқаррар гаштааст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ қоидаҳои қонунгузор муайян ва муқарраркардаи рафтору кирдори одамон мебошанд [2]. Қоидаҳои мазкур дар ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ то андозае хусусияти фарққунанда пайдо мекунанд, чунки сухан на танҳо дар бораи одамони одӣ – шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ,, балки мақомоти салоҳиятноки нисбат ба дигар шахсон ҳокимиятдошта ҳам меравад. Ба ибораи дигар, давлат ин мақомоти салоҳиятнокро маҳз барои баррасии парвандаҳои гражданӣ ташкил намуда, нисбат ба дигар иштирокдорони он ҳокимият ҳам додааст. Аз ҳамин сабаб, мавқеи ҳуқуқии ҳамаи шахсони ба муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гражданӣ алоқаманд фақат дар чаҳорчӯбаи фаъолияти ин мақомоти салоҳиятнок муқаррар карда мешавад. Хусусияти мурофиавӣ доштани фаъолияти онҳо маҳз аз танзими босубот ва мунтазами ҳар як амалиёти ҳатман иҷрошаванда аз ҷониби ҳар яке аз иштирокдорони он иҷрошаванда вобастагӣ дорад. Дар байни ин мақомот суд вобаста ба вазъи ҳуқуқияш мавқеи алоҳида ва фарққунандаро ишғол менамояд, чунки принсипҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти суд аз дигар мақомот куллан фарқ мекунанд**. Пештар мувофиқи қонунгузории мурофиавии то соли 2008 амалкунанда ба матлаби танзими ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ворид кардани фаъолияти дигар мақомоти ваколатнок, ки салоҳияти баррасии парвандаҳои гражданӣ доштанд, хеле мураккаб менамуд. Ҳарчанд дар мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо хусусияти мурофиавӣ баръало ҳис карда мешуд***. Ғайр аз он, дар

номи ин мақомот калимаи «суд» мавҷуд бошад ҳам, фаъолияти онҳо (судҳои ҳакамӣ ва судҳои рафиқона) адолати судӣ ҳисоб намешуд****. Шояд аз ҳамин сабаб мақоми ҳуқуқии онҳо аз рӯи салоҳиятҳои додашуда дуюмдараҷа ҳисобида мешуд ва меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияташон ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтанд. Маҳз эътироф намудани мафҳуми «васеи» матлаби танзими хуқуқи мурофиавии граждани̇ [2] имкон медиҳад, институтҳои алоҳидаи ин соҳаи мустақили ҳуқуқ, ки ба шаклҳои ғайрисудии умумишаҳрвандӣ ҳам мувофиқат мекунанд, баробар инкишоф ёбанд. Барои ҳамин, нишонаи асосии муқарраркунандаи мафҳуми хуқуқи мурофиавии гражданиро мо бо шаклҳои муҳофизати ҳуқуқҳои гражданӣ ва мақомоти салоҳиятноки (юрисдиксионии) ба онҳо мувофиқ алоқаманд менамоем.

Дар ҳамаи санадҳои меъёрӣ-хуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гражданӣ меъёрҳои ҳуқуқии дорои хусусияти мурофиавӣ мавҷуданд [1,с.146]. Барои ҳамин дар мафҳуми хуқуқи мурофиавии гражданӣ истилоҳи «маҷмӯъ» ба мазмуни хеле васеъ фаҳмида мешавад.

2. Барои дуруст фаҳмидани моҳияти механизми танзими ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ба кадом самт равона шудани онро фаҳмидан лозим аст. Ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносӣ ақидае роиҷ аст, ки ҳуқуқ маҳз муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад, дар соҳаҳои оммавии ҳуқуқ мафҳумҳои ҳам объект ва ҳам предмети танзимкуниро истифода мебаранд. Чунки мазмуни муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда дар ду зина: а) байни давлат ва шахс; б) шахс ва неъматҳои танзимшаванда фаҳмида мешавад. Дар ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавии гражданӣ, ки табиати хусусӣ доранд, зарурати дахолат ва танзими давлатӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии пайдошаванда ва танзими давлатии онҳо ҳамчун истисно аз қоидаи умумӣ ба миён меояд. Барои ҳамин кофист, ки як зинаи танзим ҳамчун предмет муқаррар карда шавад. Ба забони тоҷикӣ онро мо бо истилоҳи «матлаб» ифода намудем.

Дар раванди баррасии парвандаҳои гражданӣ шумора ва намудҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятие пайдо мешаванд, ки матлаби танзими ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ мегарданд ва дар натиҷаи шакли ҳуқуқӣ пайдо кардан ба муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ табдил меёбанд; дар маҷмӯъ онҳо мурофиаи гражданиро ташкил мекунанд. Ин ҷо бояд таъкид намоем, ки мафҳуми мурофиаи гражданӣ муносибатҳои ҳуқуқии мавридҳои то оғози парвандаҳои гражданӣ пайдошавандаро ҳам дар бар мегирад. Масалан, вақте ки қабули ариза рад карда мешавад, дар назари аввал, гӯё мурофиаи гражданӣ оғоз намешавад. Ҳол он ки барои ҳам шахси муроҷиаткарда ва ҳам мақомоти салоҳиятнок як қатор ҳуқуқу ӯҳдадориҳо вобаста ба тартиби пешбиникардаи шикоят аз болои қарори баровarда пайдо мешаванд. Барои ҳамин, матлаби танзими ҳуқуқи мурофиавии гражданиро фақат бо муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди баррасии парвандаҳои гражданӣ пайдошаванда маҳдуд кардан мувофиқи мақсад нест.

Ҳамин тавр, матлаби танзими ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар фаъолияти мақомоти юрисдиксионӣ (салоҳиятнок) бо мақсади баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои гражданӣ пайдо мешванд.

3. Яке аз масъалаҳои мураккабтарини консептуалии илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, масъалаи дуруст муайян кардани тарзу воситаҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии

`танзимшаванда мебошад, зеро услуби ҳуқуқӣ яке аз омилҳои асосии самаранокии механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад.

Ҳамчун муқаррароти умумӣ ба услубҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданӣ татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ хос нест. Ин хусусият ба муносибатҳои ҳуқуқии моддии гражданӣ хос аст. Алоқамандии соҳаҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун мазмун ва шакли як зуҳурот ягонагии ин хусусиятро барои ҳар ду соҳаи ҳуқуқи гражданӣ тақозо менамояд. Озодии ихтиёрдорӣ ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳои табиаташон хусусӣ моҳияти муносибатҳои ҳуқуқӣ-гражданиро ҳам аз назари моддӣ ва ҳам аз назари мурофиавӣ муқаррар менамояд. Баъзе мавридҳои пешбинишудаи татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ хусусияти истисноӣ дошта, фақат бо дар назардошти манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муқаррар шудаанд. Масалан, барои вайрон кардани тартибот дар маҷлиси судӣ (м. 162 КМГ)*****, бо сабабҳои беузр бо даъвати суд ҳозир нашудан (м. 171 КМГ), барои гум кардани ҳуҷҷатҳои иҷрокунӣ (415 КМГ)  ҷарима ҳамчун оқибати номатлуби иҷро накардани ӯҳдадориҳои мурофиавӣ (санксия) пешбинӣ шудааст.

Мафҳум ва мазмуни услуби танзими ҳуқуқии мурофиавии гражданиро бо як калима ё ибора ифода кардан хеле мушкил аст, зеро ин масъаларо маҳз хусусиятҳои табиати ҳуқуқи гражданӣ, ки ба шакли мурофиавии муҳофизати он ҳам таъсир мерасонад, муайян менамояд.

Озодии ихтиёрдорӣ ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва баробарҳуқуқии тарафҳои муносибати ҳуқуқи гражданӣ мунтазам ба шакли мурофиавии он гузашта, мусобиқавӣ будани тартиби баррасии парвандаи гражданиро тақозо менамояд. Маҳз ҳамин таъриф мафҳум ва мазмуни услуби танзими ҳуқуқии мурофиавии гражданиро муайян мекунад. Барои ҳамин бо мақсади равшанӣ андохтан ба масъалаи услуби танзими ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ онро шарҳ медиҳем:

1) Қоидаҳои озодии ихтиёрдории субъектҳои муносибатҳои гражданӣ ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшон пайдошавӣ, дигаргуншавӣ ва қатъшавии муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии гражданиро аз ифодаи иродаашон вобаста менамояд. Масалан, дар мавридҳои ҷой доштани ҳуқуқвайронкунии гражданӣ, агар манфиати давлат ё ҷамъият ё шахсони дигар халалдор нашуда бошад, бе аризаи соҳиби ҳуқуқи вайроншуда  мурофиаи гражданӣ оғоз карда намешавад. Яъне, ба монанди қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мақомоти салоҳиятнок (юрисдиксионӣ) ҳуқуқи бо иродаи худ оғоз кардани  парвандаи гражданиро надоранд. Гузашта аз ин минбаъд ҳам дар раванди мурофиаи гражданӣ тарафҳо метавонанд, ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшон ихтиёрдорӣ намуда, муносибатҳои мурофиавии ҳамдигарро тағйир диҳанд ё қатъ намоянд, зеро агар ин ихтиёрдорӣ ҳуқуқу манфиати шахсони дигарро халалдор накунад ё зери таъсири ягон амали ғайриқонунӣ пайдо нашуда бошад, суд онро қабул мекунад ва дар асоси он санади дахлдор бароварда, ба онҳо эътибори ҳуқуқӣ медиҳад (қ.2 м.43 КМГ).

2) Баробарҳуқуқии мурофиавии тарафҳо аз баробарии мавқеи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқии моддии гражданӣ ибтидо мегирад, зеро онҳо нисбат ба ҳамдигар бо сабаби баробарии ҳуқуқҳо имконияти истифодаи зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ надоранд. Пайдо шудани  ҳамин тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ бошад, маҳз аз сабаби баробарии онҳо ва зарурати танзими баҳси ҳуқуқияшон бармеояд. Чӣ хеле ки маълум аст, баҳс маҳз байни тарафҳои баробар пайдо шуда метавонад. Масалан,

харидору фурӯшанда нисбат ба ҳамдигар ҳуқуқ дошта бошанд ҳам, иҷрои ӯҳдадории ба он мувофиқро зӯран талаб карда наметавонанд. Ҳарчанд харидор ҳуқуқи талаб кардани моли харидашударо дорад, вале агар фурӯшанда ӯҳдадорияшро оид ба додани мол баъди пардохти нархи он ҳам иҷро накунад, бо зӯрӣ гирифта наметавонад. Вай барои қаноатманд гардонидани талабаш ба ягон мақомоти салоҳиятнок (масалан, суди умумишаҳрвандӣ) дар бобати татбиқи ягон чораи маҷбуркунии давлатӣ муроҷиат мекунад. Дар чунин мавридҳо муносибати гражданиии моддӣ ба шакли мурофиавӣ мегузарад, чунки зарурати танзими ҳуқуқии ҳолати баҳснок аз ҷониби мақомоти ваколатноке, ки ҳокимияти татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ доранд, пайдо мешавад. Давоми мантиқии баробарии тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ дар мавҷудияти ҳуқуқҳои мазмунан якхела барои ҳар як тараф ифода мегардад. Масалан, агар даъвогар ҳуқуқи аз талаботаш даст кашидан дошта бошад, пас ҷавобгар ҳуқуқи эътироф кардани ин талаботро дорад (м.43 КМГ).

3) Мусобиқавӣ будани муносибати тарафҳо дар мурофиаи гражданӣ ба раванди исботкунӣ алоқаманд мебошад. Ҳар яки онҳо ҳаққонияти худро дар масъалаи баррасишаванда нишон додан мехоҳанд ва мусобиқаи онҳо маҳз дар пешниҳоди далелу исботи асоснокии талаботу норизогияшон мебошад (қ.1 м.58 КМГ). Дар ин мусобиқа суди умумишаҳрвандӣ ё дигар мақомоти юрисдиксионии баррасикунандаи парвандаи гражданӣ ба мазмуни томаш ҳамчун ҳакам (арбитр) баромад мекунад, зеро вай дар рафти ҳалли масъалаи муҳокимашаванда дониши муайян меандӯзад [4, с.171 -175.]. Аммо суди мазкур ӯҳдадориҳои исботкунии ин ё он тарафро ба ҷои вай иҷро намекунад [5, с.45-47]. Тарафе, ки ӯҳдадории худро оид ба исботи ягон ҳолат иҷро намекунад, оқибати номатлуби исбот накардани ин ҳолатҳоро ба зимма дорад (қ.1 м.58 КМГ).

Ҳамин тавр, услуби (методи) танзими ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ин тарзу воситаҳои ба эътидол овардани муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди баррасии парвандаи гражданӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок (юрисдиксионӣ) пайдошаванда мебошад, ки аз мазмуни озодии ихтиёрдорӣ ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, баробарҳуқуқии тарафҳои муносибати гражданӣ, мусобиқавӣ будани тартиби баррасии парвандаи гражданӣ ҳамчун меъёрҳои асосан бе татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ истифодашаванда бармеоянд, мебошад.

4. Аз мазмуни мафҳуми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ бармеояд, ки яке аз нишонаҳои асосӣ ва муайянкунандаи он маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ будан аст. Яъне меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд аз рӯи ягон қоидаҳои муайян ба тартиб оварда шаванд, то ин ки дар таносуби ҳамдигарӣ онҳо барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди баррасии парвандаи гражданӣ пайдошаванда «кор» карда тавонанд. Алоқаи мутақобилаи унсурҳои маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мазмуни ба низомдарорӣ конструксияи мураккаби мантиқӣ мебошад. Барои ҳамин аз кадом нуқтаи назар таҳлил намудани он аҳаммияти хоса дорад.

Низоми ҳуқуқи мурофиавии гражданиро бо таркибу сохтори Кодекси мурофиавии гражданӣ айният додан дуруст нест, зеро моҳиятан кодекс санади меъёрӣ-ҳуқуқиест, ки меъёрҳои ҳуқуқии ягон аломати якхеладоштаро ҷамъ овардааст. Чӣ хеле ки айни ҳол сухан дар бораи меъёрҳои ҳуқуқии дорои хусусияти мурофиавӣ меравад, маҳз ҳамин аломат барои аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии гуногун ҷамъ овардани ин меъёрҳои алоҳида сабаб гаштааст. Дар Кодекси мурофиавии гражданӣ бошад он меъёрҳое

ҷамъ оварда шудаанд, ки то рӯзи қабули он (05 январи соли 2008) мавҷуд буданд. Дар асл бошад чунин меъёрҳои ҳуқуқии дорои хусусияти мурофиавӣ хеле зиёданд. Дуруст аст, ки минбаъд ба кодекс меъёрҳои нав илова карда шудаанд ва мешаванд, аммо кафолати пурраи дарбаргирифтани ҳамаи меъёрҳои мавҷуда ва нав вуҷуд надорад. Аз санадҳои зерқонунӣ ба Кодекси мурофиавии гражданӣ ворид кардани меъёрҳои дорои хусусияти мурофиавӣ мумкин нест, зеро онҳо аз рӯи эътибори ҳуқуқӣ бо меъёрҳои дар қонунҳо пешбинишуда баробар нестанд. Зиёда аз он ба кодекс меъёрҳои дорои хусусияти умумӣ, ки ба ҳама намудҳои парвандаҳо ва истеҳсолоти судӣ дахл доранд, ворид карда мешаванд. Масалан, дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.17)****** омадааст, ки шавҳар ҳуқуқ надорад, ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе ризоияти зан ба суд дар бобати бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд. Вале ин қоида хусусияти умумӣ надорад ва фақат як гурӯҳи муайяни парвандаҳоро аз рӯи ҳолати аниқ танзим мекунад. Барои ҳамин чунин меъёрҳо ба Кодекси мурофиавии гражданӣ ворид карда нашудаанд. Ҳамин тавр, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоҳидаи ҳатто эътиборашон гуногун (аз қонунҳои конститутсионӣ то санадҳои зерқонуни идоравӣ) ва кодексҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ меъёрҳои мурофиавии гражданӣ мавҷуд буданашон мумкин аст.

Низоми ҳуқуқи мурофиавии граждaниро аз назари илм ҳамчун таснифи асосноки меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ба институтҳо, қисму зерқисмҳо фаҳмидан мумкин аст. Чунин институтҳо, ба монанди субъектҳои мурофиаи гражданӣ, даъво, далелҳо ва исботкунӣ, тобеияти идоравӣ ва судӣ хусусияти классикӣ доранд. Вобаста ба доираи васеъ ё маҳдуди татбиқашон меъёрҳои ҳуқуқиро ба қисми умумӣ ё махсус марбут медонанд. Барои ҳамин дар қисми умумӣ меъёрҳое ҷой дода мешаванд, ки ба ҳамаи намудҳои истеҳсолоти судӣ, давраҳои мурофиаи гражданӣ, шаклҳои муҳофизати ҳуқуқ дахл доранд. Масалан, принсипҳои танзими ҳуқуқӣ хусусияти татбиқпазирӣ ба тамоми мурофиаи гражданӣ доранд ва ба қисми умумии ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ мансуб мебошанд. Дар ин ҷо лозим ба тазаккур аст, ки боз як далели айният надоштани низоми соҳаи ҳуқуқ ва низоми кодекс дар он аст, ки барои қулай шудани усули (техникаи) амалияи татбиқи ҳуқуқ қонунгузор дар сохтори кодекс истисно аз ин қоидаро пешбинӣ карда метавонад. Масалан, принсипҳои шифоҳӣ будани муҳокимаи парванда ва дар ҳайати тағйирнаёбандаи суд анҷом додани он ба ҳамаи намуду давраҳои мурофиаи гражданӣ дахл доранд. Бино бар ин дар бораи ба қисми умумии ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ марбут будани онҳо ягон хел шубҳа нест. Аз рӯи мантиқ онҳо бояд дар кодекс низ дар қисми умумӣ ҷой дода мешуданд, вале қонунгузор бо мақсади осону қулай кардани усулҳои татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби суди умумишаҳрвандӣ меъёрҳои ифодакунандаи ин принсипҳоро дар қисмати махсуси Кодекси мурофиавии гражданӣ, ки ба танзими истеҳсолоти суди марҳалаи (инстансияи) якум бахшида шудааст(қ.2 м.160), ҷой додааст.

Бояд тазаккур дод, ки низоми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ба монанди низоми дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба сиёсати ҳуқуқии давлат иртиботи зич дорад ва бо мурури замон ташаккул ёфта, дигаргун мешавад. Алалхусус баъди соҳибистиқлол гаштани давлати Тоҷикистон ва пайдоюю амалӣ гаштани фалсафаи нави ҳуқуқ [7,с.262] ба низоми ҳуқуқи мурофиавии граждании ватанӣ аз низоми ҳуқуқии мамлакатҳои пешқадами дунё институтҳои ифодакунандаи дастовардҳои тамаддуни инсоният ворид карда шуданд. Мо истеҳсолотҳои ғайрианъанавии фармонӣ ва ғоибонаро дар

назар дорем, ки зарурати ногузирии ҷорӣ намуданашонро дар фаъолияти судҳои умумишаҳрвандии парвандаҳои гражданиро баррасикунанда, солиёни зиёд олимон, аз он ҷумла муаллифи ин сатрҳо таъкид мекарданд [3, с.47-53]. Ҳамчунон пайдо гаштани истеҳсолоти судӣ бо иштироки шахсони хориҷӣ дар низоми ҳуқуқи мурофиавии граждании Тоҷикистони муосир навоварии куллӣ мебошад, ки мавқеи фаъол ва назарраси мамлакатро дар раванди ҷаҳонишавӣ инъикос мекунад [8,с.32-37].

Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ тарқиби хеле мураккаби мантиқиест, ки сиёсати ҳуқуқии давлатро дар масъалаҳои муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гражданӣ дар мавриди поймол гаштани онҳо инъикос карда, ҳамаи меъёрҳои хусусияти мурофиавӣ доштаи санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқиро мураттаб месозад.

***Вожаҳои калидӣ***: *ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, танзими ҳуқуқӣ, матлаб, парвандаи гражданӣ, мақомоти салоҳиятнок (юрисдиксионӣ), суди умумишаҳрвандӣ, суди иқтисодӣ*

***Эзоҳот***

**Тазаккур додан лозим аст, ки истилоҳи «гражданӣ» дар сохторҳои (конструксияҳои) гуногуни илми ҳуқуқшиносии давраи шӯравӣ нодуруст маънидод карда мешуд ва ин ҳолат то имрӯз идома дорад. Гап дар сари он аст, ки ҳуқуқи гражданӣ аз ҳуқуқи Рими Қадим ибтидо мегирад. Дар он давра истилоҳи лотинии «civile» барои ифодаи ду мафҳум – тамаддун (цивилизация) ва шаҳрванд (гражданин) ҳамчун реша истифода мешуд. Агар истилоҳи «гражданӣ»-ро ба маънои шаҳрванд истифода барем, он гоҳ моҳияти ҳуқуқи гражданӣ, ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, халалдор мегардад, зеро дар қатори шаҳрванд, ҳамчун субъект, шахси ҳуқуқӣ ва давлат ҳам эътироф карда мешаванд. Хусусияти хеле васеъ ва амалан номаҳдуди доираи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ алоқамандии онҳоро бо дастовардҳои тамаддуни инсоният нишон медиҳад. Барои ҳамин дурусттар мешуд, агар ба ҷои калимаи «гражданӣ» истилоҳи «сивилӣ»-ро истифода барем. Азбаски қонунгузор калимаи анъанавии «гражданӣ»-ро алҳол истифода бурдааст, мо низ истилоҳи мазкурро корбарӣ менамоем.*

***Ба маврид аст таъкид намоем, ки суди имрӯза ба монанди замони пештара ягона нест; дар қатори мақомоти салоҳиятнок суди конститутсионӣ, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ дар асоси қонунӣ пайдо гаштаанд, ки зарурати фарқ кунонидани онҳоро аз суди дар ҳар воҳиди маъмурӣ-ҳудудии мамлакат ташкилшаванда, тақозо мекунанд. Вобаста ба мавқеъ ва доираи ваколаташон хуб мешуд, он «суди умумишаҳрвандӣ» номгузорӣ шавад. Чунки ин суд хусусияти универсалӣ дошта нисбат ба шаҳрвандон ваколати хеле васеъ дорад. Фаъолияти вай дар доираи мурофиаи гражданӣ ҳамаи парвандаҳои ба мазмуни васеяш аз ҳуқуқи сивилистӣ пайдошавандаро дар бар мегирад. Ғайр аз он вай парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмуриро низ баррасӣ ва ҳал менамояд. Бо мақсади равшан ва фаҳмо ифода кардани фикру ақидаҳои худ мо минбаъд дар матн истилоҳи таклифкардаамон – «суди умумишаҳрвандӣ»-ро истифода мебарем.*

****Мо ин ҷо Низомнома дар бораи судҳои ҳакамиро, ки он дар Кодекси мурофиавии граждании соли 1963 қабул шуда ва то соли 2008 амал карда ҳамчун замима оварда шуда буд, дар назар дорем.*

*****Дар доктринаи ҳуқуқии на фақат давраи шӯравӣ, балки замони муосир ҳам ақидаи ба амал овардани адолати судӣ танҳо аз ҷониби суди умумишаҳрвандӣ хеле устувор*

*аст ва ҳатто мақоми принсипалӣ дорад. Вале аз рӯи мазмун ва аҳамияти фаъолияти мақомоти ғайридавлатӣ ва ҷамъиятии дар баррасии парвандаҳои гражданӣ салоҳиятдошта онро «адолати судии ҷамъиятӣ» номидан мумкин аст. Дар таърихи ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷа (Ҷумҳурии Демократии Олмон) чунин истилоҳ дар Конститутсияи мамлакат пешбинӣ шуда буд. Таваҷҷӯҳи давлат ба суди ҳакамӣ ҳамчун мақомоти юрисдиксионӣ дар мурофиаи гражданӣ баъди қабули қонуни алоҳида (Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» соли 2008) баръало маълум шуд. Танзими давлатии ташкил ва фаъолияти суди ҳакамӣ, ки бе ягон дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва щахсони алоҳида созмон дода мешаванд (м.3 Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ») зарурати объективӣ ва нақши назарраси онҳоро дар низоми мақомоти юрисдиксионӣ нишон медиҳад.*

******Дар ин ҷо ва минбаъд Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 01 апрели соли 2008 ба амал ҷорӣ карда шудааст, дар назар аст. – www.mmk.tj*

******* Дар ин ҷо ва минбаъд Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 13 ноябри соли 1998 қабул шудааст (бо тағйироту иловаҳо то 15 марти соли 2016) дар назар аст. - www.mmk.tj*

**Пайнавишт:**

1.Авдеенко Н.И. Механизм и пределы регулирующего воздействия гражданского процессуального права. -Л., 1969. – 384 с.

2.Болтуев С.Ш. К вопросу о понятии предмета гражданского процессуального права/Укрепление социалистической законности и совершенствование законодательства. – Душанбе, 1984. – С.114-128.

3. Болтуев С.Ш. Реализация судебно-правовой реформы - шаг к созданию правового государства: Материалы научно-практической конференции «Правовое государство и органы юстиции». – Душанбе, 1990. – С.47-53.

4.Болтуев С.Ш. Суд, выполняющий поручение, как субъект познавательной деятельности / Проблемы совершенствования гражданско-правового регулирования. – Томск, 1991. – С.171-174

5.Болтуев С.Ш. Некоторые меры повышения эффективности судебного разбирательства в процессе установления истины по гражданскому делу. – Худжанд: Ношир, 2002. - 153 с.

6.Болтуев С.Ш. Новое в понимании философии процессуального законодательства (Рецензия на книгу «Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан». Под редакцией доктора юридических наук, профессора М.З. Рахимова – Душанбе, 2012. – 574с.) // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2012. - № 4 (52). - С.262 – 265.

7.Болтуев С.Ш. Международно-правовые акты о правовом режиме трансграничных водных ресурсов/ Геополитикаи инноватсионии захираҳои стратегӣ: муаммо ва дурнамои рушд: Маҷмӯаи мақолаҳо ва фишурдаи гузоришоти олимону устодон дар конфререренсияи илмӣ-назариявии ДДҲБСТ бахшида ба Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (23-26 апрел). – Хуҷанд:Ношир, 2013. - С.32-37.

***Reference Literature:***

1. *Avdeenko N.I. Mechanism and Boundaries of Regulating Sway over Civil Procedural Law. – P., 1969. – 384 pp.*
2. *Boltuyev S.Sh. To the Issue Related to the Notion of Civil Procedural Law / Fortification in Regard to Sociological Legitimateness and Improvement of Legislation. - Dushanbe, 1984. – pp. 114 – 128.*
3. *Boltuyev S.Sh. Realization of Forensic-Legal Reform as Move towards Creation of Law-abiding State / Materials of scientific-practical conference «Legal State and Justice». – Dushanbe, 1990. – pp. 47 – 53.*
4. *Boltuyev S.Sh. Court, Implementing Errand as a Subject of Cognitive Activity / Problems of Improvement of Civils-Legal Regulation. – Tomsk, 1991. – pp. 171 – 174.*
5. *Boltuyev S.Sh. Some Measures Concerning Elevation of Effectiveness of Court Hearing in the Process of Truth Establishment on a Civil Case. – Khujand. – Noshir. 2002. – 153 pp.*
6. *Boltuyev S.Sh. New Understanding of Philosophy of the Procedural Legislation (Review on the book «Commentary to the Civil Procedural Code of Tajikistan Republic» under the editorship of Dr. of Law, Professor Rahimov M.Z. – Dushanbe, 2012. – 574 pp.). – Bulletin of TSU LBP. – Khujand, 2012. - # 4 (52). – pp. 262 – 265.*
7. *Boltuyev S.Sh. International-Legal Acts Concerned with Legal Regime of Transboarder Water Resources / Innovative Geopolicy of Strategical Resources: Challenge and Prosperity: Collection of articles and commentaries of scholars and teachers for scientific-theoretical conference under the Tajik State University of Law, Business and Politics dedicated to the Year of International Cooperation in the Field of Water (23-26 April). – Khujand. - Noshir, 2013. – pp. 32 – 37.*